آواز تاجیک
Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Банӣ одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

1 июли соли 2026
Чоршанбе
№ 52 (15271)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ДОНИШ, КАСБ ВА ТЕХНОЛОГИЯ ПОЯИ МУҲИМТАРИНИ ҶАВОНОН ДАР ПАЙДО КАРДАНИ ҶОЙГОҲИ ШОИСТА ДАР ЗИНДАГӢ МЕБОШАНД

*Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 30 июн дар маросими тантанавӣ бахшида ба Рӯзи ҷавонон, ки дар шаҳраки Олимпии пойтахт баргузор гардид, иштирок намуд.*





Солҳои охир дар кишвари мо ба омўзонидани ҷавонон ба касбу ҳунарҳои замонавӣ, таъмини шуғл ва дастгирии фаъолияти соҳибкории онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Дар назари аввал ин метавонад танҳо як вазифаи одии иҷтимоии давлат ба назар расад. Аммо дар асл, маҳз ҳамин раванд яке аз шартҳои асосии таъмини сулҳу субот, устувории иқтисодӣ ва ояндаи дурахшони кишвар мебошад.

Имрўз агар нерў, ғайрат ва шавқи ҷавонон ба донишомўзӣ ба самти дуруст равона карда шавад, фардои кишвар ҳатман дурахшон хоҳад буд. Зеро дар ҷаҳони муосир давлатҳо дигар на аз рўи бузургии ҳудуд ё захираҳои табиии худ, балки аз рўи сатҳи технологияҳо ва ҷавонони соҳибдонишу соҳибмаърифати худ рақобат мекунанд.

Агар ҳатто барои як лаҳза ба масъалаҳои ҷавонон ва мушкилоти онҳо беэътиноӣ карда шавад, дар ҷомеа пайдо шудани мушкилоти ҷиддӣ ногузир аст. Бекорӣ миёни ҷавонон низ метавонад сабаби ба вуҷуд омадани мушкилоти зиёде гардад. Давлат ин хатарро хуб дарк мекунад. Аз ин рў, дар Ўзбекистон ба бефарқ будан ба сарнавишти ҷавонон ҳеҷ гоҳ роҳ дода намешавад.

Дар солҳои охир дар кишвари мо низоми комилан нав ва беҳамтои дастгирии ҷавонон ташаккул ёфт. Имрўз давлат барои ошкор намудани истеъдод ва фароҳам овардани имкониятҳои рушди, ҳатто ҷавонони деҳаҳои дурдаст низ, тамоми шароити заруриро муҳайё месозад.

Ҷавонони Ўзбекистон бо эътимоди комил ба сўи ҳадафҳои бузург қадам мегузоранд. Зеро онҳо хуб медонанд, ки дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ танҳо нестанд ва ҳамеша пуштибони боэътимод – давлати нерўманд ва ғамхори худро доранд.

Сарвари давлат нахуст дар намоишгоҳи махсусе, ки дар шаҳраки Олимпӣ ташкил гардид, бо ҷавонони фаъолу ташаббускори мамлакат мулоқот анҷом дод.

Президент бо лоиҳаҳои онҳо, ки ба рушди ҳаёти маҳалла, экология, стартапҳо, муҳандисӣ ва густариши фарҳанги китобхонӣ нигаронида шудаанд, шинос гардида, бо ташаббускорони лоиҳаҳо суҳбат орост.

Сардори ҷавонони маҳаллаи «Обод»-и ноҳияи Фарғона Исломбек Муҳаммадҷонов дар маҳаллаи худ маркази таълимии «Обод таълим»-ро таъсис дода, ба беш аз 600 нафар ҳамсолонаш касбҳои замонавӣ ва забонҳои хориҷиро омўхтааст. Ў гуфт, ки дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ бо ширкатҳои бонуфузи Олмон фаъолияти худро ба бозори ҷаҳонӣ баровардааст. Дар натиҷаи чунин ҳаракати амалӣ маҳалла ба минтақаи холӣ аз ҷавони бекор ва ҷиноят табдил ёфтааст.

Инчунин, ташаббусҳои ҳамоҳангсози Бунёди «Ташаббусҳои сабз», магистранти «Green University» Гулираъно Мамирова низ сазовори диққатанд. Лоиҳаҳои ў ҷиҳати роҳандозии стартапҳои иҷтимоиву экологӣ ва навовариҳои «сабз» таваҷҷуҳи Сарвари давлатро ба худ ҷалб кард.

Талошҳои эҷодии ғолиби номинатсияи «Ғояи беҳтарин» дар озмуни рангтасвир Одинахон Маъмурҷонова, матонати Чинора Ғуломова, ки сарфи назар аз маҳдудияти имконоти ҷисмонии худ барои кўдаконе, ки дар хона таҳсил мекунанд, лоиҳаи «Бихон ва рушд кун»-ро амалӣ менамояд, низ аз ҷониби Сарвари давлат баланд арзёбӣ шуданд. Аз рўйи дастгирии ташаббусҳои онҳо, ки барои таҳкими муҳити фарогир дар ҷомеа нигаронида шудаанд, ба масъулон супориш дода шуд.

Дар майдони стартапҳо, соҳибкорӣ ва касбу ҳунари намоишгоҳ иқтидори зеҳнии ҷавонони кишвар, ки дар арсаи байналмилалӣ рақобат карда метавонанд, ба намоиш гузошта шуд.

Хатмкардаи Мактаби президентӣ, донишҷўйи Донишгоҳи Чикаго Асилбек Ашуров дар ҳаждаҳсолагӣ стартапи «Makon AI»-ро таъсис дода, платформаи омодагӣ ба имтиҳонҳои SAT/AP-ро дар заминаи зеҳни сунъӣ таҳия кардааст.

Ў гуфт, ки алҳол ин стартап дар ИМА, инчунин минтақаҳои Ховари Миёна ва Африқои Шимолӣ аз 100 ҳазор муштарӣ ва сармоягузорон 380 ҳазор доллар сармоя ҷалб намуда, арзиши лоиҳа 3 миллион доллар арзёбӣ мешавад.

Ҳамчунин дастовардҳои Сардорбек Раҳматуллоев – нахустин намояндаи Ўзбекистон дар барномаи акселератори бонуфузи ҷаҳонии «Y Combinator», ки дар ИМА стартапи сердаромадро таъсис дода, дар ширкати «Meta Superintelligence» таҷрибаи касбӣ андўхтааст, ҳамчун яке аз дастовардҳои муҳими экосистемаи миллии стартапҳо эътироф гардид.

Президент таъкид намуд, ки татбиқи густурдаи чунин лоиҳаҳои баландтехнологӣ дар мамлакат ва барои ба бозорҳои хориҷӣ баромадани соҳибкоркорони ҷавон кумак расонидан, минбаъд низ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ боқӣ хоҳад монд.

Дар доираи муаррифии дастовардҳои соҳаи муҳандисӣ ва инноватсия, муваффақиятҳои донишҷўён дар самтҳои зеҳни сунъӣ ва робототехника баррасӣ шуданд.

Донишҷўйи Донишгоҳи политехникии Турини шаҳри Тошканд, чемпиони мамлакат оид ба пойгаи дрон Билолиддин Исмоилов гуфт, ки дар офаридан ва такмил додани низомҳои маҳаллии зиддидрон иштирок дорад.

Лоиҳаи муваффақи донишҷўйи Донишгоҳи давлатии техникии Нукус, резиденти Технопарки ҷавонони Нукус Айзада Асанова дар самти «Насли нави автомобилҳо» бошад, аз рушди босуръати мактабҳои муҳандисӣ дар минтақаҳои кишвар гувоҳӣ медиҳад. Сарвари давлат зарурати дар соҳаҳои гуногун ҷорӣ намудани чунин коркардҳои инноватсиониро таъкид намуд.

Дастовардҳои насли наврас дар соҳаҳои фарҳангу маърифат ва рушди фарҳанги китобхонӣ низ аз мавзўъҳои асосии ин мулоқот буданд.

Зикр гардид, ки дастовардҳои ҷоизадори озмунҳои байналмилалии зебоӣ ва санъат Нигина Фахриддинова ва навозандаи ҷавон Амина Авазова барои баланд бардоштани нуфузи байналмилалии фарҳанги миллии мо хидмат мекунанд.

Ҳамзамон, лоиҳаҳои рақамие, ки ба густариши китобхонӣ миёни аҳолӣ нигаронида шудаанд, муаррифӣ гардиданд. Роҳбари лоиҳаи «Мутолаа» Сироҷиддин Олимов гуфт, ки барномаи мобилии таҳияшуда қариб 5 миллион маротиба боргирӣ шуда, шумораи китобҳои мутолиашудаи он аз 18 миллион афзудааст.

Дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Зулфия Нилуфар Эргашева муаллифи китоби «Сухани сабз» («Яшил сўз») ва иштирокдори лоиҳаи «Сухан» аст.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

*30 июн – Рўзи ҷавонони Ўзбекистон*

## ҶАВОНОНИ ФАЪОЛУ ТАШАББУСКОР – НЕРУИ ПЕШБАРАНДАИ МАМЛАКАТ

***Ҷавонон неруи пуриқтидор, бунёдкору созанда ва пешбарандаи ҳар як ҷомеа мебошанд. Ин аст, ки масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон мавриди таваҷҷуҳи доимии Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев қарор дорад. Маҳз таҳти роҳнамоии Президенти мамлакат ва бо мақсади тарбияи шоистаи наслҳои ҷавон, аз дастовардҳои илмиву техникӣ бархурдор намудани онҳо, рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таълим, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои камолоти ҳамаҷонибаи наврасон чорабиниҳои судманд амалӣ мегарданд.***
***Бо мақсади ошноии бештар бо корҳое, ки дар ин самт иҷро мешаванд, бо директори Агентии корҳои ҷавонон Алишер САЪДУЛЛОЕВ суҳбат оростем, ки фишурдаи онро пешкаши муштариён менамоем.***



**– Хуб медонем, ки солҳои охир бо мақсади дастгирии ҷавонон, кашфи истеъдодҳои нав ва ҳавасмандгардонии наврасони боиқтидор як қатор қонун ва фармонҳо қабул гардиданд. Алҳол бо мақсади таъмини иҷрои онҳо аз ҷониби Агентии корҳои ҷавонон низ як қатор лоиҳа ва ташаббусҳои созанда, чун «Мутолаа», «Ибрат фарзандлари», «Олимпиадаи панҷ ташаббус» ва амсоли ин амалӣ мешаванд. Дар мавриди иштироки ҷавонон дар ин лоиҳаҳо маълумот медодед.**

– Ислоҳоте, ки дар мамлакат бо мақсади дастгирии ҷавонон амалӣ мешаванд, як хусусияти асосӣ доранд: онҳо на чун ташаббусҳои ҷудогона, балки мисли низоми ягона татбиқ мешаванд. Дар партави фармон ва қарорҳое, ки аз ҷониби Сарвари давлат имзо гардиданд, барои донишандўзӣ, касбомўзӣ, соҳибкорӣ, китобхонӣ ва фаъолнокии иҷтимоии ҷавонон механизмҳои босамари дастгирӣ роҳандозӣ шуданд.

Аз ҷумла, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати ҷавонон як қатор лоиҳаҳо амалӣ гардида, ҳоло натиҷаҳои назаррас медиҳанд. Масалан, дар доираи лоиҳаи «Мутолаа» шумораи ҷавонони китобхон аз 5 236 нафари соли 2023 то ба 4 миллиону 225 ҳазору 908 нафар дар соли 2026 афзуд. Дар се сол 807 баробар зиёд гардид.

Ҳамчунин, шумораи ҷавононе, ки тавассути лоиҳаи «Ибрат фарзандлари» забонҳои хориҷиро меомўзанд, аз 19 360 нафар (с.2022) то ба 3 миллиону 336 ҳазору 234 нафар (с.2026) расид. Яъне, беш аз 172 баробар афзуд. Илова бар ин, теъдоди ҷавононе, ки тавассути лоиҳаи "Ustoz AI" касбҳои муосирро меомўзанд, аз 1 миллиону 116 ҳазор нафар гузашт. Шумораи иштирокдорони озмуни «Китобхони ҷавон» низ аз 247 ҳазор нафар ба 5 миллион нафар расид.

(Давомаш дар саҳ.4).

***Баъзан як қадами нодуруст метавонад тамоми ҳаёти инсонро тағйир диҳад. Мутаассифона, хатоҳое ҳастанд, ки на танҳо барои худи шахс, балки барои оила, фарзандон ва наздиконаш низ оқибатҳои ҷиддӣ меоранд.***

## ОЯНДАСОЗОНИ ХАЛҚУ ВАТАН

Нашъамандӣ яке аз ин иллатҳост, ки инсонро аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ заиф мекунад ва барои рушди ҷомеа таҳдиди ҷиддӣ мерасонад.

Имрўз мубориза бо нашъамандӣ яке аз масъалаҳои муҳим аст. Аз ин иллат ҳазорҳо нафар саломатии худро аз даст медиҳанд, оилаҳо пароканда шуда, орзу ва мақсадҳои ҷавонон нобуд мешаванд. Нашъамандӣ, ки дар назари аввал мушкили шахсӣ ба назар мерасад, дар асл мушкили ҷомеа низ аст.

Дини ислом ба ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва ақли инсон таваҷҷўҳи махсус медиҳад. Дар Қуръони Карим амалҳое, ки ба нобудӣ оварда мерасонанд, манъ шудааст. Паёмбарамон таъкид кардааст, ки ҳар гуна воситаҳои масткунанда манъ аст. Зеро ақл яке аз бузургтарин неъматҳоест, ки ба инсон дода шудааст ва ҳар гуна воситае, ки онро заиф ё нобуд мекунад, ҳам ба худи шахс ва ҳам ба ҷомеа зарар мерасонад.

Нашъамандӣ системаи асабро халалдор мекунад, ба фаъолияти узвҳои дарунӣ таъсири манфӣ мерасонад ва мушкилоти рўҳӣ ба вуҷуд меорад. Бо гузашти вақт, инсон қобилияти кори худро аз даст медиҳад, шавқ ба ҳаёт гум шуда, худро аз оила ва масъулиятҳои иҷтимоӣ дур мекунад. Ин беморӣ на танҳо барои як шахс, балки барои тамоми оила фоҷиа мешавад.

Мутахассисон таъкид мекунанд, ки нашъамандӣ ба насл ва саломатии инсон низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Он на танҳо ҳаёти инсон, балки ояндаи миллатро низ таҳдид мекунад. Зеро насли солим бузургтарин сарвати ҳар кишвар аст.

Пешгирии ҷавонон аз ин бадахлоқӣ вазифаи ҳар яки мост. Пеш аз ҳама, ба тарбияи кўдакон дар оила диққати ҷиддӣ додан лозим. Волидон бояд ҳамеша аз дўстон, шавқу рағбатҳои фарзандашон ва тарзи гузаронидани вақти холии онҳо огоҳ бошанд. Инчунин барои муассисаҳои таълимӣ, ҷомеа ва мардуми одӣ муҳим аст, ки дар тарбияи ҷавонон фаъолона иштирок кунанд.

Яке аз чораҳои муҳимтарини мубориза бо нашъамандӣ ин ташаккул додани эҳсоси некӣ, муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба меҳнати ҳалол ва садоқат ба арзишҳои маънавӣ дар дили ҷавонон мебошад. Зеро дар ҷое, ки холигии маънавӣ вуҷуд дорад, реша давонидани афкор ва одатҳои зараровари гуногун осон аст.

Бояд гуфт, ки нашъамандӣ иллати ҷиддии иҷтимоӣ аст, ки ба ҳаёти инсон, некуаҳволии оила ва рушди ҷомеа таҳдид мерасонад. Оқибатҳои он на танҳо ба сарнавишти як шахс маҳдуд мешавад, балки ба ояндаи тамоми миллат таъсир мерасонад. Аз ин рў, мо бояд нисбат ба ин бало оштинопазир бошем, фарзандони худро дар рўҳияи огоҳӣ ва тарзи ҳаёти солим тарбия кунем. Зеро насли солим сутуни кишвар, ояндаи миллат ва пояи мустаҳками рушди Ватан аст.

**Нурулло МАҲКАМОВ,**
**саримом-хатиби ноҳияи Чуст.**

# ДОНИШ, КАСБ ВА ТЕХНОЛОГИЯ ПОЯИ МУҲИМТАРИНИ ҶАВОНОН ДАР ПАЙДО КАРДАНИ ҶОЙГОҲИ ШОИСТА ДАР ЗИНДАГӢ МЕБОШАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ӯ пешниҳод намуд, ки тавассути таҳияи харитаи адабии Ӯзбекистон сайёҳии адабӣ рушд дода шавад, инчунин, дар Маҷмааи илмиву маърифатӣ ва сайёҳии «Бурҳониддин Марғинонӣ» шомҳои бузурги назму наво, маҳфилҳои шеъри эҷодкорони Ӯзбекистон ва барномаҳои калони консерти бадеӣ ташкил гарданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар мулоқоти самимӣ бо ҷавонон лоиҳа ва ташаббусҳои ояндадорро, ки аз ҷониби онҳо пешниҳод гардиданд, дастгирӣ намуд.

Баъдан, Президент Шавкат Мирзиёев бо ҷавонон мулоқот анҷом дод.

Сарвари давлат дар оғози суханронӣ тамоми писару духтарони мамлакатро бо ҷашн самимона табрик гуфт.

– Мо аз рӯзҳои аввали ислоҳот, дастгирии ҷавонон, фароҳам овардани шароит барои амалӣ гардидани орзуву мақсадҳои онҳоро чун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян кардаем, – гуфт Президент.

Солҳои охир дар ин самт низоми комилан нав ташаккул ёфт. Дар ҳар як маҳалла фаъолияти сардори ҷавонон роҳандозӣ шуда, барои дастгирии ташаббусҳои ҷавонон, таъмини шуғл, таҳсил, соҳиби касбу ҳунар намудан ва оғози фаъолияти соҳибкорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуданд. Рӯзи панҷшанбеи ҳар ҳафта чун «Рӯзи ҷавонон» муайян гардида, вазорату идораҳо барои омӯхтани мушкилоти ҷавонон ва дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо вазифадор шуданд.

Дар натиҷаи корҳое, ки амалӣ гардиданд, тавассути низоми «Дафтари ҷавонон» мушкилоти беш аз 1,5 миллион ҷавон ҳал карда шуд. Шумораи соҳибкорони ҷавон панҷ баробар афзуда, аз 287 ҳазор нафар гузашт. Теъдоди писару духтароне, ки забонҳои хориҷиро босамар меомӯзанд, ба 3,5 миллион нафар расид. Донишомӯзу донишҷӯёни боистеъдод дар олимпиадаҳои бонуфузи байналмилалии фаннӣ 434-то, варзишгарони ҷавон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ 2245-то медал ба даст оварданд.

Сарвари давлат ба масъалаи дар шароити кунунии рақобати ҷаҳонӣ пеш аз ҳама, бо сатҳи дониш, технология ва сармояи инсонӣ муайян гардидани бартарии давлатҳо таваҷҷуҳ зоҳир кард.

– Бидонед, ки акнун давлатҳо на бо ҳудуд, балки бо дониш, на бо шумораи аҳолӣ, балки бо технология, на бо захираҳои табиӣ, балки бо сармояи инсонии худ вориди майдони рақобат мешаванд. “Иқтисодиёти донишҳо”-и нав, ки маҳсули илм, дониш ва тафаккур мебошад, ба неруи ҳалкунанда табдил меёбад, – гуфт Президент.

Роҳбари давлат аз ҷавонон даъват намуд, ки ворисони муносиби ниёгони бузурги худ бошанд ва дар бунёди пойдевори Эҳёи сеюми Ӯзбекистони Нав саҳм гузоранд.

Дар мулоқот Президент ба иштироки дастаи мунтахаби миллии Ӯзбекистон дар мусобиқаи Ҷоми ҷаҳони футбол низ таваққуф кард. Таъкид гардид, ки футболбозони кишвар тавассути рақобат бо ҳарифони тавоно таҷрибаи бузург андӯхта, голҳои нахустини Аббос Файзуллоев ва Элдор Шомуродов дар чемпионати ҷаҳон ба мардум шодии зиёд бахшиданд.

– Ба аъзои тими миллӣ, ки шарафи Ватанамонро ҳимоя карданд, бо эҳсосоти зиёдатӣ эрод гирифтан ё аз онҳо айб ҷустан, ба мардуми мо хос нест. Баръакс, имрӯз дастгирӣ ва рӯҳбаланд намудани онҳо аз ҳар вақти дигар муҳимтар аст, – гуфт Президент.

Зикр гардид, ки пирӯзиҳои бузург ҳанӯз дар пешанд, барои ин таваҷҷуҳ ба футболи кӯдакон пурзӯр гардида, футбол ба ҳаракати умумимиллӣ табдил меёбад ва омодагӣ ба Ҷоми Осиё, ки моҳи январи соли оянда дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад, аз ҳоло оғоз хоҳад ёфт.

Президент дониш, касб ва технологияро ҳамчун муҳимтарин такягоҳи ҷавонон барои пайдо кардани ҷойгоҳи муносиб дар зиндагӣ арзёбӣ намуд.

Бо ин мақсад низоми «Экосистемаи донишҳои оянда» роҳандозӣ мешавад, ки ҳар сол дар доираи он 500 ҳазор ҷавон касбхои замонавиро хоҳанд омӯхт. Ба ҷавононе, ки хоҳиши таъсиси марказҳои таълимӣ доранд, қитъаҳои замин ва иншооти давлатӣ бо шартҳои имтиёзнок тақдим мегарданд. Инфрасохтори зарурӣ аз ҳисоби давлат муҳайё гардида, ставкаи кредит барои сохтмон ва таҷҳизонидани марказҳо ҷуброн карда мешавад.

Барои ҷавононе, ки соҳибкасбанд, вале мехоҳанд малакаҳои навро аз худ кунанд, «ваучери касбӣ» ҷорӣ карда мешавад. Ҳар сол барои 50 ҳазор нафар ҷавон хароҷоти бозомӯзии касбҳои замонавӣ аз ҳисоби қарзҳои бефоиз пардохт хоҳад шуд. Барои дар марказҳои хусусии таълимӣ касб омӯхтани 85 ҳазор ҷавонони бекори оилаҳои ниёзманд ваучери ройгон тақдим мегардад. Соли ҷорӣ барои татбиқи ин низом 120 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Дар техникумҳо иштироки бахши хусусӣ густариш ёфта, талаботи иҷозатномадиҳӣ сода мегардад. Аз соли нави таҳсил ба техникумҳои хусусӣ низ барои омӯзиши касбӣ грантҳои давлатӣ ҷудо хоҳанд шуд. Ғолибони озмунҳои байналмилалии касбӣ ва устодони онҳо бо мукофотҳои пулӣ ҳавасманд мегарданд.

Таъкид гардид, ки аз иқтидори беш аз 650 ҳазор нафар ҷавононе, ки забонҳои хориҷиро мукаммал медонанд, барои дар арсаи байналмилалӣ тарғиб намудани таърихи ғанӣ, мероси фарҳангӣ, имкониятҳои сайёҳӣ ва содиротии мамлакат самарабахш истифода намудан муҳим аст. Бо ин мақсад платформаи «Контенти рақамӣ» таъсис ёфта, ҳар сол 20 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Ҷиҳати кор бо ҷавононе, ки дар хориҷ таҳсил мекунанд, низоми нав роҳандозӣ мешавад. Барои дар давраи таътил дар вазорат, ҳокимият, ширкатҳои давлатӣ ва хусусии кишвар таҷрибаомӯзӣ ва коромӯзӣ намудани беш аз 14 ҳазор писару духтароне, ки дар донишгоҳҳои пешрафтаи хориҷӣ таҳсил доранд, платформаи рақамии мулоқот таъсис дода мешавад. Ҳамчунин тавассути Бунёди «Эл-юрт умиди» имконияти таҳсили ҷавонон дар донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ бо фармоиши бахши хусусӣ низ фароҳам мегардад.

Президент эълон намуд, ки барои соҳибкороне, ки хатмкунандагони боргоҳҳои таълими олиро ба кор қабул мекунанд, меъёри андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ нисбат ба мутахассисони ҷавон тӯли як сол ба миқдори 1 фоиз муайян карда мешавад. Ин барои бо ҷойи кор таъмин намудани қариб 200 ҳазор нафар хатмкунанда ҳавасмандсозии муҳим хоҳад шуд.

Барои дастгирии ҷавонони аз парастории падару модар маҳрумшуда, онҳое, ки хидмати ҳарбӣ, муҳоҷират ё муҳлати ҷазоро адо кардаанд, наврасони имконияти ҷисмонияшон маҳдуд, бастаи «Қадами аввалини кафолатнок» ҷорӣ мегардад. Ҳамчунин дар доираи барномаи «Устод – донишҷӯ» донишҷӯёне, ки ба ҷавонони номуташаккил кумак мерасонанд, ҳавасманд карда мешаванд.

Инчунин, барномаи «Минифраншизаи ҷавонон» ба кор шурӯъ хоҳад кард. Ба писару духтароне, ки франшизаи брендҳои маҳаллиро харидорӣ мекунанд, аз Хазинаи соҳибкории ҷавонон то 300 миллион сӯм ссудаи бефоиз дода мешавад. Барои татбиқи ин барномаҳо 500 миллиард сӯм равона мегардад.

Барои ҷавонон хабҳои ҷавонон таъсис меёбанд, ки дар онҳо дар асоси тамоюли “равзанаи ягона” имкони истифодаи хидматрасониҳо оид ба омӯзиши касбу забон, таъмини шуғл, фаъолияти соҳибкорӣ роҳандозӣ мешаванд. Ин таҷриба нахуст дар Сурхондарё оғоз ёфта, тадриҷан дар минтақаҳои дигар низ ҷорӣ мегарданд.

Бо мақсади таҳкими эътимод ба ҷавонон дар низоми идоракунии давлатӣ аз рӯйи панҷ самт барномаи «ТОР-100» амалӣ мегардад. Ғолибон мукофотонида шуда, ба вазифаҳои роҳбарӣ тавсия мешаванд. Ҳар як вазорат ва соҳа дар самти худ ҷавонони соҳибистеъдодро интихоб намуда, барои таҷрибаомӯзӣ ба созмонҳои байналмилалӣ мефиристад. Барои ба чунин таҷрибаомӯзиҳо фиристодани 2 ҳазор нафар ҷавон ҳамасола нақша таҳия мегардад.

Барои ҳавасмандгардонии ҷавонон ва дар атрофи мақсади ягона ба ҳам овардани онҳо платформаи «Лигаи ҷавонони Ӯзбекистон» ба фаъолият оғоз мекунад. Дар он натиҷаҳои фаъолияти ҷавонон дар соҳаҳои таълим, касб, соҳибкорӣ, илму фан ва ҷамоатӣ арзёбӣ мешаванд. Ба онҳое, ки натиҷаҳои баландро ба даст меоранд, грант, тахфиф барои пардохти шартномаи таҳсил, ваучери касбӣ, кредити имтиёзнок, имконияти таҷрибаомӯзӣ дар хориҷ, шомил шудан ба захираи кадрҳо ва имкониятҳо дар ипотека пешниҳод мегарданд. Академияи бонку молия дар рушди соҳибкории ҷавонон ҳамчун «маркази ақл» муайян карда мешавад. Шунавандагони академия дар минтақаҳо лоиҳаҳои омодаи тиҷоратиро таҳия мекунанд ва Хазинаи соҳибкории ҷавонон онҳоро бо шартҳои мусоид ба ҷавонон пешниҳод менамояд. Хазина ба лоиҳаҳое, ки даромади бештар ва ҷойҳои зиёди корӣ фароҳам меоранд, то 5 миллиард сӯм сармоя тақдим мекунад. Ин низом барои тиҷорати худро оғоз намудани ҳадди ақал 300 ҳазор нафар ҷавон роҳ мекушояд.

Аз рӯйи дастгирии стартапҳои инноватсионӣ низ вазифаҳои нав муайян гардиданд.

– Мо нақша дорем, ки то соли 2030 ҳаҷми иқтисодиётро аз 240 миллиард доллар зиёд намоем. Барои расидан ба ин ҳадаф бояд стартапҳои инноватсионӣ ба ҳамаи соҳаҳо ғояҳои навро ворид созанд, – гуфт Сарвари давлат.

Гуфта шуд, ки тӯли нӯҳ соли охир экосистемаи стартапҳои маҳаллӣ 15 баробар рушд карда, аз 4 миллиард доллар афзуд, зиёда аз 1200 лоиҳаи стартапи ояндадор ба вуҷуд омаданд. Минбаъд ҳар як вазир, роҳбари соҳа ва ҳоким лоиҳаи «Ба ҳазор масъала – ҳазор роҳи ҳал аз ҷавонон»-ро роҳандозӣ мекунад. Агентии корҳои ҷавонон ба 100 лоиҳаи беҳтарин дар самтҳои тиҷорат, технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисодиёти креативӣ то 1 миллиард сӯм сармоягузорӣ менамояд.

Барои ҷавонон дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ имкониятҳои боз ҳам васеътар фароҳам мегарданд. Дар Маркази «Ҳукумати рақамӣ» нахустин кластери суперкомпютерӣ ба фаъолият шурӯъ кард ва соли оянда иқтидори он се баробар зиёд карда мешавад. Соли ҷорӣ дар 20 боргоҳи таълими олӣ озмоишгоҳҳои зеҳни сунъӣ таъсис меёбанд. Ҷавонон аз ин имкониятҳо ройгон истифода намуда, барои ҳалли мушкилоти минтақа ва соҳаҳои гуногун пешниҳодҳо таҳия менамоянд.

Аз ҳисоби таъсиси паркҳои нави технологияҳои иттилоотӣ барои зиёда аз 20 ҳазор ҷавон ҷойҳои кори сердаромад муҳайё мегарданд. Дар доираи барномаи «Аввалин компютери ман» ба 10 ҳазор фарзандони оилаҳои ниёзманд барои хариди ноутбук кӯмак расонида мешавад.

Барои донишҷӯёне, ки дар самтҳои технологияҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ таҳсил мегиранд, низоми “таҳсилоти дуалӣ” густариш меёбад. Стипендияи давлатии ба номи Муҳаммад ал-Хоразмӣ ва барои духтарони соҳибистеъдод стипендияи «Духтарони муҳандис» ҷорӣ мешавад. Мукофоти 1 миллиард сӯмина, ки барои ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ тақдим мегардад, минбаъд ба ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ оид ба зеҳни сунъӣ низ супорида мешавад.

Бо мақсади таҳкими рӯҳияи миллӣ дар дили ҷавонон ва зиёд кардани контенти миллӣ дар фазои рақамӣ, дар паркҳои технологияҳои иттилоотӣ марказҳои инкубатсионӣ барои таҳиягарони бозиҳои компутерӣ ва мобилӣ таъсис меёбанд. Ҳар сол барои таҳияи ҳадди ақал 20 бозии компутерӣ ва мобилӣ бо руҳияи миллӣ фармоиши давлатӣ дода мешавад.

– Аз имкониятҳое, ки мо барои ҷавонон фароҳам меоварем, набояд ҳеч як писару духтарамон дар канор монад, – гуфт Президент.

Бо ин мақсад озмуни «Меҳри Ватан – ташаббусҳои иҷтимоӣ» ва лоиҳаи «Қанот», ки ба дастгирии кӯдакони мансуби гурӯҳи хатари иҷтимоӣ нигаронида шудааст, роҳандозӣ мегарданд. Барои ба лоиҳаҳои амалӣ табдил додани ғояҳое, ки дар доираи «Марафони ташаббусҳои ҷавонон» пешбарӣ мешаванд, «Дафтари ташаббусҳо» таъсис ёфта, барои ин корҳо 50 миллиард сӯм ҷудо карда мешавад.

Дар мулоқот ҳамчунин таъкид гардид, ки ҷиноятҳои марбут ба моводи мухаддир ва воситаҳои психотропӣ ба ояндаи ҷавонон ва генофонди миллат хатари ҷиддӣ эҷод мекунанд.

– Ба реша давондани ин иллат дар байни ҷавонон ҳаргиз роҳ намедиҳем, то замони аз беху бун нест накардани ин бало, мубоaccess заро қатъ нахоҳем кард. Нашъамандӣ инсонро аз гаронбаҳотарин сарват – саломатӣ, ақлу ирода ва орзуву мақсадҳояш маҳрум месозад. Фаромӯш накунед! Ҳаёт ба инсон танҳо як маротиба дода мешавад. Нисбати чунин иллатҳо оштинопазир бошед, ҳар як дақиқаи умри худро ба корҳои нек сарф намоед! – гуфт Сарвари давлат.

Президент ба падару модарон низ муроҷиат намуда, таъкид кард, ки пойдевори мустаҳкам барои камолоти фарзанд ва ояндаи дурахшони ӯ, пеш аз ҳама, дар оила гузошта мешавад. Аз падару модарон даъват намуд, ки дар шароити мураккаби кунунӣ, ки босуръат тағйир меёбад, дар тарбияи фарзанд беш аз пеш боэътибор ва бомасъулияттар бошанд.

Дар вохӯрӣ бо ҷавонон мулоқоти кушод сурат гирифт. Онҳо пешниҳод ва ташаббусҳои худро иброз доштанд.

Сарвари давлат дар анҷоми мулоқот аз писару духтарон даъват кард, ки ба сӯйи марраҳои бузург дилпурона талош намоянд, дониш, касб ва технологияҳои муосирро ба таври комил аз худ кунанд.

– Ман ғайрату шуҷоат, талош ба донишандӯзӣ ва кӯшишҳои шуморо барои навоварӣ дида, доим руҳбаланд мегардам. Барои фатҳи марраҳои бузург устуворона қадам гузоред, омӯзед, дониши нав, касби нав ва технологияҳои муосирро аз худ кунед, аз душвориҳо наҳаросед, аз меҳнат кардан, омӯхтан ва талош намудан ҳеҷ гоҳ бознаистед! Фаромӯш накунед, ки дар пушти шумо падару модаронатон ҳастанд ва онҳо бо умедҳои бузург шуморо ба камол расонидаанд, устодону мураббиёне ҳастанд, ки баҳратон таълиму тарбия дода, касб омӯхтаанд, мардуми мо, ки ба шумо бовар карда, доим дастгирӣ менамоянд, Президент ҳаст, ки чун кӯҳ такягоҳу пуштибон мебошад, – гуфт Президент Шавкат Мирзиёев.

Мувофиқи Фармон ва қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 29 июн, гурӯҳи ҷавононе, ки бо дониш, истеъдод, ташаббускорӣ ва фидокории худ дар рушди Ӯзбекистони Нав саҳми арзанда мегузоранд, ба медали «Келажак бунёдкори» ва Мукофоти давлатии «Мард ўғлон» сазовор гардида буданд.

Дар Рӯзи ҷавонон – 30 июн дар шаҳраки Олимпии шаҳри Тошканд маросими супоридани ин мукофотҳо баргузор гардид.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки ҳар як ҷавони мамлакат дорои иқтидор, истеъдод ва қобилияти бузург аст.

– Шумо ворисони муносиби ниёи бузурги мо ҳастед, ки дар замони худ бо кашфиёти нодири хеш ба тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми шоиста гузошта, чароғи “ақл”-и Давраи эҳёи аввал ва дуюм буданд. Албатта, ворис будан танҳо мояи ифтихор нест, балки ворисӣ ин масъулияти бузург низ ҳаст!

Чунонки ниёгони мо барои пешрафти башарият корҳои бузург анҷом додаанд, шумо низ бояд неруе бошед, ки пойдевори давраи нави эҳёи Ӯзбекистони Нав – Эҳёи сеюмро бунёд гузоред, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Сипас, Президент ба ҷавонон мукофотҳои давлатиро супурд.

– Соҳибони мукофотҳои давлатиро бори дигар аз номи тамоми мардум табрик мегӯям. Бигзор ин эътирофи баланд шуморо ба фатҳи марраҳои нав раҳнамун созад. Сафи шумо боз ҳам васеътар гардад! – гуфт роҳбари Ӯзбекистон.

Ҷавонони мукофотонидашуда барои имкониятҳое, ки аз ҷониби давлат фароҳам мегарданд, изҳори сипос намуда, таъкид карданд, ки минбаъд низ барои бо дониш, меҳнат ва ташаббусҳои худ ба пешрафти Ватан саҳм гузоштан омода ҳастанд.

Ҳамин рӯз дар шаҳраки Олимпӣ ба муносибати Рӯзи ҷавонон барномаи консертӣ баргузор гардид.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**мухбирони ӮзА.**

***Ғаллакорони вилояти Бухоро нақшаи шартномавии ба давлат фурӯхтани гандумро барзиёд иҷро карданд. Таъмин кардани хоҷагиҳои фермерӣ бо нурии минералӣ, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ, инчунин кӯмаки моддӣ бесамар намонд. Муҳимаш нақшаи шартномавӣ дар 19 рӯзи корӣ пурра иҷро шуд.***

# КОМЁБИИ ҒАЛЛАКОРОНИ БУХОРО



Соли равон дар 65 ҳазор гектар майдони 3 ҳазору 38-то хоҷагии фермерӣ корида шудани навъҳои «Алексеевич», «Валена», «Гурт», «Васса», «Гром», «Собербаш», «Еланчик», «Таня» ва парвариши саривақтии онҳо, ба амал баровардани тадбирҳои мавсимӣ боиси фаровонии ҳосил гардид. Ислоҳоти соҳа, ба роҳ монда шудани нархҳои бозории хариду фурӯш омили муҳими нафъбинии хоҷагиҳои фермерӣ мегардад.

Ин дар навбати худ ба рӯҳбаландона гузаштани мавсими ҳосилғундорӣ такон бахшид. Дар вилоят бо иштироки 230-то комбайни ғалладарав ташаккул ёфтани отряд, тартиби то иҷрои нақша даравида ба давлат супоридани ҳосил, баъд идома додани дарав ба манфиати хоҷагиҳои фермерӣ услуби оқилонаи ташкили кор аст. Гуфтан ҷоиз аст, ки бештар аз 1100-то автомобили боркаш, 32-то устохонаи сайёр, 44-то воситаи таъмини сӯзишворӣ ба отряди ғалладарав мадад расонд.

То 25 июн ба хирмани ғалла 215 ҳазору 296 тонна гандум кашонда шуд. 193 ҳазору 886 тоннаи онро товар, 21411 тоннаашро тухмӣ ташкил мекунад. Нақшаи солона барзиёд иҷро шудааст. Ба ин комёбӣ ноҳияҳои Олот, Ҷондор, Рометан, Вобканд, Бухоро, Пешкӯ, Когон ва Қарокӯл саҳми арзанда гузоштанд. Хусусан, ҳиссаи хоҷагиҳои фермерии «И.Ибрагимов», «Шамсиддин Абдиев», «Зиёдулло Нутфулло» аз ноҳияи Олот, «Козимбобо», «Халқобод Файз замини», «Шерзод» аз ноҳияи Рометан, «Қурбонов Ғафур Ҳасанович», «Бунёд Аҳмад» аз ноҳияи Ҷондор, «Сайфулло Ҷумъаев», «Боқиев Ислом», «Ҳайдаралӣ ГФН» аз ноҳияи Вобканд, «Ҷаббор Камол», «Қосим Бахтиёр» аз ноҳияи Бухоро, «Бухоро сервис агрокластер», «Қобилобод» аз ноҳияи Пешкӯ назаррас гардид. Ҳосилнокии ин хоҷагиҳои фермерӣ ба ҳисоби миёна ба 95 сентнерӣ расид.

Бо вуҷуди мураккабии шароити замин ва номусоидии иқлим бори аввал дар соҳаи хоҷагии қишлоқ дар вилоят ҳосилнокии киштзорҳои ғалла ба 90-95 сентнерӣ рост омад. Мавсими ҷорӣ хоҷагиҳои фермерӣ бештар аз 600 ҳазор тонна ҳосил рӯёнда, манфиатдории моддии зиёд диданд. Ғаллакорони вилоят пешбинӣ мекунанд, ки 2 триллиону 120 миллиард сӯм даромад насибашон мегардад. Аз ҷумла 730 миллиарди он даромади соф аст.

Дар комёбии ғаллапарварон хидматҳои операторони комбайн Ғулом Ҷумъаев, Арслон Шарифов (аз ноҳияи Ҷондор), Камол Тошев (Вобканд), Суръат Қазоқов, Саноқул Муродов, Суръат Ҳамроев (Рометан), Искандар Ҷӯраев, Зариф Қурбонов (Олот), Икром Қаҳҳоров, Низом Изомов (Бухоро), Нуралӣ Йўлдошев, Наврӯз Тӯрақулов (Пешкӯ) ҷудогона шуд.

Ҳоло дар 62 ҳазор гектар майдон ҷараёни кишти такрорӣ оғоз ёфта, дар 10 гектар майдон ҷараёни дастгирии иҷтимоии 28 ҳазору 171-то оилаи камдаромад идома меёбад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

# ИҚТИДОРИ ЗЕРИСТГОҲИ ДЕҲҚОНОБОД ЗИЁД МЕШАВАД



*Дар зеристгоҳи Деҳқонободи ноҳияи Тошлоқи вилояти Фарғона лоиҳаи бузурги навсозӣ, ки ба таҳкими минбаъдаи инфрасохтори таъминоти барқ нигаронида шудааст, амалӣ карда мешавад.*

*ҶС «Корхонаи шабакаҳои барқи ҳудудии Фарғона» барои зиёд кардани иқтидори зеристгоҳҳо ва таъмини истеъмолкунандагон бо неруи барқи бефосила ва босифат ва ба мақсади пӯшондани сарбории афзоянда корҳои зиёдеро ҷиҳати афзоиши иқтидори зеристгоҳҳо ба анҷом мерасонад.*

*Дар доираи лоиҳа, дар ин зеристгоҳ ба ҷойи трансформатори 10 ҳазор кВт трансформатори нави барқӣ бо иқтидори 40 ҳазор кВт, ки барои таъмини барқи ноҳияҳои Тошлок, Ёзёвон ва Қӯштепа муҳим аст, насб карда мешавад. Айни замон мутахассисон корҳои ҷойгиркунӣ, насб ва пайваст кардани таҷҳизотро ба шабакаи барқӣ анҷом медиҳанд.*

*Илова бар ин, имкониятҳои пайваст кардани иншооти нави истеҳсолӣ ва хидматрасонӣ ба шабакаҳои барқӣ афзоиш меёбанд, ки шароити иловагиро барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам меорад.*

*Мутахассисон таъкид намудаанд, ки лоиҳаи мазкур барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ва таъмини устувории низоми энергетикии он муҳим аст.*

***Дар сурат:** дар зеристгоҳи Деҳқонободи ноҳияи Тошлоқи вилояти Фарғона.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

***Фарҳанг***

# МАДҲИ ВАТАН ДАР СУРАТҲО

***Бо мақсади иҷрои қарори Президент «Дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани ҷашни 35-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» бо ташаббуси шуъбаи вилоятии Маркази ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат таҳти шиори «Ҳамчун як Ватан, як халқ ҳаёт ва ояндаи навро меофарем» якчанд чорабинӣ баргузор гардид.***

Хусусан, дар маҷмӯаи «Уч фаввора»-и шаҳри Намангон байни ҷавонон дар мавзӯи «Мадҳи Ватан дар суратҳо» ном чорабинии фарҳангӣ шуда гузашт.

Дар озмун беш аз ҳазор нафар рассомони ҷавон иштирок карда, маҳорати баланди худро намоиш доданд.

Ғолибон аз тарафи ташкилотчиён бо тӯҳфаҳои хотиравӣ, диплом ва сипосномаҳо рағбатонида шуданд.

**Шаҳло МАМАДҶОНОВА,**
*вилояти НАМАНГОН.*

# ОЛИМИ ДАСТХАТШИНОС ДАР БУХОРО



***Доктори фалсафа оид ба филологияи Эрон, профессор Орифи Навшоҳӣ 27 марти соли 1955 дар шаҳри Панҷоб таваллуд ёфтааст. Ӯ дар давоми 15 сол мудири кафедраи филологияи Эрони Коллони Гордони шаҳри Равалпиндии Покистон буд. Муддате дар як қатор марказҳои илмӣ, аз ҷумла, дар Маркази пажӯҳишҳои забони форсии Эрон – Покистон, инчунин дар ваколатхонаи фарҳанги назди сафоратхонаи Эрон дар Исломобод кор кардааст.***

Солҳои тӯлонӣ бо фонди энсиклопедияи Эрон, Маркази энсиклопедияи бузурги ислом, Академияи забон ва адабиёти форс барин марказҳои илмию фарҳангӣ ҳамкорӣ дошт. Орифи Навшоҳӣ узви фахрии Фарҳангистони забон ва адабиёти форси Эрон аст. Равияи пажӯҳишҳои вай китобҳои дастнависи форсӣ, нашрҳои чопии қадим, сарчашмаҳои тасаввуфӣ, хусусан, манбаъҳо оиди тариқати хоҷагон – Нақшбандия мебошад. Ӯ доир ба дастхатшиносӣ 10, оид ба библиография 5 китоб таълиф намуда ва оид ба тасаввуф ва этика беш аз 10 сарчашмаи бостониро омодаи чоп гардондааст.

Орифи Навшоҳӣ оиди «Энсиклопедияи дунёи ислом», «Энсиклопедияи бузурги ислом», «Энсиклопедияи забон ва адабиёти форсии нимҷазираи Ҳиндустон» ва «Ираника» мақолаҳо навиштааст. Вай соҳиби як қатор мукофотҳои байналхалқист. Соли 2025 ҳукумати Покистон барои комёбиҳояш дар соҳаи илму фан ӯро бо ордени «Ситораи имтиёз» сарфароз намуд.

Шунида будам, ки Орифи Навшоҳӣ ба мамлакати мо ташриф овардааст. Ҳафтаи аввали моҳи май вохӯрии тасодуфии мо бо ӯ дар зиёратгоҳи пири дуюми Бухорои Шариф – Хоҷа Орифи Моҳитобон Ревгарӣ дар ноҳияи Шофиркон сурат гирифт. Маълум шуд, ки корманди пешбари илмии Институти шарқшиносии ФУ Ӯзбекистон ба номи Берунӣ, доктори илми таърих, профессор Комилҷон Раҳимов, коршиноси калони дастхатҳои Институти таърихи АИ Ӯзбекистон Файзхоҷа Маҳмуд ба вай ҳамроҳ буданд. Меҳмонон баъди зиёрат, аз назар гузаронидани навиштаҷоти сангҳо, гирду атроф, чӯбу дарҳои куҳна ба масҷид даромаданд.

Мазори «Хоҷа Шарофиддин» яке аз мазорҳои кӯҳна ва бузургтарини ноҳияи Шофиркон ба шумор меравад.

Баъд диққати меҳмононро навиштаҷоти форсии рӯйи қабр сӯйи худ кашид. Бобои Орифи Навшоҳӣ – Ғулом Мустафо Навшоҳӣ дар қатори асарҳои бузургон «Чор китоб» («Номи ҳақ») ва асари Алии Сайфӣ «Рашаҳот-айн-ул-ҳаёт»-ро аз форсӣ ба забони панҷобӣ тарҷума кардааст.

Ҳангоми мулоқот аён гардид, ки Навшоҳӣ бори сеюм аст, ки ба мамлакати мо меояд. Ду сафари аввалаи вай солҳои 2018-2019 ба амал омадаанд. Ӯ шаҳру ноҳияҳои Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хоразм, Қашқадарё, Сурхондарё, Андиҷон, Фарғонаро дидааст. Ба шаҳру ноҳияҳои Урганҷ, Хева, Бӯстонлиқ, Китоб, Шаҳрисабз, Деҳнав, Когон, Ғузор ва ғайра сафар кардааст, қабрҳои Шайхованди Таҳур, Хоҷа Аҳрор, Хоҷа Аловуддини Аттор, Сӯфӣ Оллоҳёр, Муҳаммади Зеҳӣ, намояндагони тариқати Хоҷагон-Нақшбанд, «Ҳафт пир»-и Бухорои Шарифро зиёрат кардааст. Дар Андиҷон ба «Боғи Бобур», Бунёди байналмилалии Бобур рафта, дар маҳфили Шоири мардумии Ӯзбекистон Муҳаммад Юсуф иштирок кардааст.

Вай дар бораи «Маслак-ул-муттаҳин», «Фиқҳи Ҳанафӣ», таърихи забони форсии қабл аз ислом ақидаҳои пурқимат дорад.

– Мовароуннаҳр ҷойи муқаддас аст: тамаддуни ислом, забони форсӣ аз ин ҷо бархостааст. Рамзи илм, фарҳанг, тамаддун ин ҷо ва хулосаам: ҳар ҷо, ки забони форсист, ватани ман аст, – мегӯяд ӯ.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

*Мулоҳиза*

# АГАР ОМӮЗГОРИ АДАБИЁТ КИТОБ НАХОНАД...

***Адиби маърифатпарвар Чӯлпон таъкид намудааст, ки «Агар адабиёт зинда бошад, миллат ҳам зинда мемонад. Миллате, ки адабиёташ намурдааст, аммо барои рушди он талош намекунад ва адибонро парвариш намесозад, дар ниҳоят рӯзе аз эҳсос, андеша ва тафаккур маҳрум гардида, оҳиста-оҳиста рӯ ба таназзул меорад. Инро наметавон инкор кард». Вақте ин гуфтори арзишмандро мехонем, ба мулоҳиза хоҳем рафт, ки магар шоир бо чунин мулоҳиза дар навбати аввал ба омӯзгорони адабиёт муроҷиат накарда буд?! Пас мо чаро бепарвоем? Барои чӣ бетарафем?!***

Гоҳо бо тақозои фаъолияти корӣ дар чорабиниҳои мактаб, мулоқотҳои эҷодӣ, нишастҳои фарҳангӣ иштирок менамоям. Баъзан дар раванди чунин вохӯриҳо аз омӯзгорони адабиёт суол мекунам, ки то чӣ андоза аз раванди адабии имрӯз огоҳанд ва осори кадом нависандагонро мутолиа мекунанд. Афсӯс, ки дар аксар маврид аз ҷавоби онҳо ангушти ҳайрат мегазам. Чунки алҳол теъдоди зиёди омӯзгорони адабиёт аз ҷараёнҳои адабии муосир бехабаранд. Ҳатто дар ин бора маълумоте надоранд. Дар раванди таълиму тадриси шогирдон танҳо бо китоби дарсӣ маҳдуд шудаанд. Ҳатто омӯзгороне ҳастанд, ки нависандагону шоирони халқиро намедонанд, аз осору ашъори онҳо огоҳ нестанд.

Ба худ меандешам, ки чунин эҷодкорон ҳеҷ гоҳ худ ба худ ин гуна мақому мартабаи баландро сазовор нашудаанд. Дар ин роҳ чӣ қадар меҳнат кардаву заҳмат мекашанд. Асарҳо меофаранд, роҳҳои пуршебу фарози эҷодро тай мекунанд... Ғайр аз ин, бисёре аз қаламбадастони имрӯза тавассути телевизион, радио, матбуот баромадҳо мекунанд. Аксари онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ фаъол ҳастанд. Пас чӣ гуна мумкин аст, ки ин ҳама хидмату фидокориву талошҳо аз назари омӯзгорон дур монад?

Дуруст, ки мутолиаи китоб дар ҳадде бо табъу хоҳиш вобаста аст. Албатта, касе наметавонад, ки дигареро ба китобхонӣ маҷбур кунад. Танҳо метавонем ба мутолиа даъват намоем.

Дар ҳамин маврид, барои амиқтар дарк намудани аҳамияти китобхонӣ баёни мулоҳизае аз адиб ва омӯзгори фаронсавӣ Эдуард Лабуле мувофиқи мақсад мебошад: «Мавқеъ ва мақоми ҳар як халқ дар сатҳи пешрафти умумӣ аз рӯи шумораи китобҳое, ки мардуми он хондаанд муайян мешавад». Агар моҳияти ин мулоҳизаро амиқтар таҳлил кунем, танҳо баъд мефаҳмем, ки саҳми мо, омӯзгорон дар оянда ва рушди ҷомеа то чӣ андоза муҳим аст.

Саволи барҳақ ба миён меояд: кӣ ҷавононро ба китобхонӣ даъват мекунад? Кӣ шавқи мутолиаро дар дили онҳо бедор месозад?

Худ мулоҳиза намоед: агар омӯзгор аз осори адибони маҳбубу маъруфи давр огоҳ набошад, чӣ гуна метавонад аз адабиёт дарс диҳад?

Борҳо шунидаам ва шоҳид шудаам, ки аксар омӯзгорон дар бораи иштироки худ дар курсҳои такмили ихтисос, омӯзишҳои кӯтоҳмуддат ё раванди омодагиҳо ба аттестатсия бо шӯру шар ҳарф мезананд. Хуб, наход дар ин равандҳо дар бораи адабиёти муосир ва ҷараёни адабии имрӯз сухане намеравад?

Агар худ омӯзгори адабиёт бошему хонандагонро ба адабиёт шавқманду дилгарм карда натавонем, аз ҷараёнҳои адабӣ огоҳ набошем, моҳияти ин масоилро дарк накунем, пас чӣ гуна метавонем дарс гузарем?

Хуб, мо кай зери бори коғазу ҳисоботи барзиёд мондем? Кай ба ҳадде расидем, ки доираи фаъолияти худро бо китобҳои дарсӣ маҳдуд намоем? Чӣ боис шуд, ки аз мутолиаи беруназсинфӣ даст кашидем?

«Бидуни адабиёти бадеӣ на шахсият ва на миллат рушд карда метавонад. Инсоне, ки аз адабиёту санъат дур аст, ба мавҷуде табдил меёбад, ки танҳо дар ғами шикам умр ба сар мебарад. Танҳо мардуме, ки дорои зеҳни баланд ва эҳсоси қавиянд, қудратманд ва соҳибэҳтиром хоҳанд шуд», гуфтааст адабиётшиноси маъруф Қазоқбой Йӯлдошев.

Бисёр омӯзгорон ҳикояи машҳури «Муаллими адабиёт»-и Абдулло Қаҳҳорро хондаанд ва аз мазмуни он огоҳ ҳастанд. Гоҳ аз худ мепурсам: мо кай монанди қаҳрамони ин ҳикоя – «муаллими адабиёти нафис» Боқиҷон Бақоев шудем, ки бо истилоҳҳое чун «практикум, минимум, максимум; Детирдинг, Стендинг, Шеллинг, Меринг, Демпинг...» сари хонандагонро гиҷ мекунем? Ҷавоб аён: вақте худ намехонем, намедонем, боз чӣ ҳам мегуфтему чӣ хел дарс мегузаштем?

Дуруст, ки дар як мақолаи кӯтоҳ чандин саволро ба миён гузоштам. Ин бесабаб нест. Чунки ҳоло вақти он расидааст, то ба ин ҳама ҷавоб биёбем...

Чӣ бояд кард? Чӣ кор кунем омӯзгори адабиёт дубора ба китоб рӯ меорад, бо ҷараёни адабии имрӯз аз наздик шинос мешавад? Чӣ хел метавонем ин мушкилро ҳал намоем?

Умед дорем, ки омӯзгорони гиромии адабиёт дар ин бора мулоҳизаҳои худро ба рӯзнома менависанд ва мо якҷо роҳи ҳалли ин мушкилро меёбем.

**Зулхумор РАШИДОВА,**
**омӯзгори забон ва адабиёти мактаби ихтисосонидашудаи рақами 7-уми ноҳияи Ҷомбойи вилояти Самарқанд.**

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



*Ҳарчанд вуҷуди одамӣ дардҳои зиёд ва заъфҳои беадад дорад, табиат низ ҳамон қадар марҳаму даворо барои онҳо ато намудааст. Матолиби зеринро, ки давоҳои гуногунро аз шифохонаи табиат барои дардмандон ва печидагиҳои дигари вуҷуди инсон тавсия менамоянд, ба хонандагони гиромии «Овози тоҷик» пешкаш менамоем, ки то ҳадди имкон барои давои амрозу нуқсҳои ҷисмониву равонии худ дар машварат бо шифокорон истифода намоянд.*

## Барои дарди авратҳо

Агар заъфарон бо райҳони кӯҳӣ истеъмол карда шавад, дарди бачадон ва аврати қафоро бартараф менамояд.

## Бар зидди ожанг

Барои мубориза бо ожангҳо шарбати сабр (алое) ба шумо кумак мерасонад. Барои ин 2-3 дона барги алоеро гирифта, онро ба 1 литр оби ҷӯшида сардшуда меандозед ва мобайни 5 дақиқа меҷӯшонед. Сипас онро аз дока гузаронида, полида гиред ва хунук кунед. Ласиони омодашударо дар яхдон нигаҳ дошта, истифода бурда метавонед.

## Барои пешгирии ожангҳо

Мағзи бодом ба витамини Е бениҳоят бой мебошад. Агар аз витамини мазкур ҳар рӯз истифода баред, на танҳо ожангҳоро пешгирӣ мекунед, балки баромадаашро бартараф кардан ҳам мумкин. Пайваста ё ду маротиба дар ҳафта равғанро шабона ба пӯсти тозаатон молиданатон мумкин.

## Ҳангоми атса задан

Равғани гули сурх бӯ барорад атса мезанонад. Худи гул бошад, нафаронеро, ки мизоҷи гарми майна доранд, атса мезанонад.

## Барои ҳимоя аз таъсири аллергия

Агар пӯсти рӯятон хушк бошад ба креми рӯзонаатон каме равғани бодом ҳамроҳ кунед. Ба зудӣ ба ҳолати нормалӣ баргаштани пӯсти рӯятонро мушоҳида мекунед, ғайр аз ин аз таъсири аллергия ва захмӣ шуданҳо ҳам худро ҳимоя мекунед.

## Барои дарди гулӯ (ангина)

Ба як истикон оби сабзии ба тозагӣ фишурда, ду-се пора сирпиёзи аз резакунанда баровардаро андозед. Ҳар рӯз ду маҳал 40 дақиқа пеш аз хӯрокхӯрӣ нӯшида мешавад. Муддати муолиҷа – 2-3 рӯз.

## Барои камхунӣ (анемия)

Дар анемия ҳар рӯз 4-5 маротиба (20-150 грамм) истеъмол кардани кадуи ҷӯшонидашуда фоида медиҳад. Дарҳақиқат, каду дар камхунӣ, дар норасоии моддаи оҳан ва ҳамчунин, барои нафарони камдармоне, ки ба тозагӣ аз беморӣ ба по хестаанд, муфид мебошад. Дар таркиби он моддаҳои муҳиме монанди оҳан, мис, кобалт, рух, ки хунро беҳтар мекунад, мавҷуд аст.

## Дар газидани занбӯр

Ҷое, ки ору ё занбӯри асал неш задааст, бо намаки таршуда хуб молида, тоза кунед. Оби пиёз ё сирпиёз ҳам дардро ба зудӣ бартараф мекунад.

## Дар варами пай (артрит)

Ҳангоми дарди пурзӯр оби нави аз хунчӯп (чистотел) гирифташуда ёрӣ медиҳад. Қисмҳои аз варами пай азияткашидаро ҳар рӯз 1 маҳал бо оби хунчӯп тоза кунед. Об чӣ қадар бисёр бошад, таъсираш зуд маълум мешавад.

## Ҳангоми асабонӣ шудан

Агар танг шудани асабҳоятонро эҳсос кунед, аз нӯшобаҳои гиёҳии табиӣ, ки соҳиби хусусияти оромкунанда мебошанд: чойи наъноӣ ва лимӯӣ, ваннаи бобунадор қабул карданатон лозим.

## Ҳангоми ҷароҳатнок шудани асаб

Ӯсмаро бо асал кӯфта, пас аз сӯхтанаш, дар осеб дидани асаб истифода мешавад.

## Ҳангоми шиддатёбии асаб

Ба оби як дона турб ба миқдори ду ҳисса оби ҷӯши хунукшуда илова кунед. Ҳар рӯз пеш аз хоб сад грамм нӯшед. Давомнокии муолиҷа даҳ рӯз.

**(Давом дорад).**

*Таҳияи* ***З.ҲАМДАМОВА, А. РӮЗИМАТОВ.***

# «ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ» – МАМЛАКАТИ ҶАВОНОНИ БОИСТЕЪДОД

***«Ӯзбекистони Нав» барои ҷавонони соҳибистеъдод дари рушду камол, саодату эҷод, парвози орзуҳоро кушод. Имрӯз комёбиҳои ҳайратовари ҷавонони боистеъдоди мамлакатро дар мисоли натиҷаҳои баланди ҷавонони пурумеди вилояти Бухоро дида, сар ба осмон мерасад. Замоне шогирдони пуриқтидори мактаб-интернати ноҳияи Қарокӯл дар озмунҳои байналмилалӣ ба натиҷаҳои баландтарин ноил гашта, диққати аҳли ҷумҳуриро сӯи худ кашид. Боиси хурсандист, ки комёбиҳои ҳайратовари чанд сол пешина ҳоло ба меъёри одии рӯзмарра табдил меёбад. Шумораи ғолибони фанҳои гуногун дар озмунҳои бонуфузтарини олам беш аз пеш меафзояд. Имрӯз ҷавонони соҳибистеъдодамон ҳам дар соҳаи илму фарҳанг, ҳам варзиш ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегарданд.***

Агар рӯзномахонони «Овози тоҷик» дар хотир дошта бошанд, мо низ аз комёбиҳои ҷавонон – ояндаи Ӯзбекистони Нав шод шуда, дар бораи бозёфтҳои онҳо мақолаҳо менависем. Чанде пеш дар бораи шогирдони муаллими фанни математикаи мактаби миёнаи рақами 18-уми ноҳияи Пешкӯ Ҷӯрабек Муродов, Ҷаҳонгир Норбоев ва Анварбек Саъдуллоев, ки бо фармони Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев соҳиби мукофоти давлатии «Мард ӯғлон» гаштаанд, мақолаҳо чоп шуда буд. Якуним сол муқаддам бошад, хатмкардаи мактаби миёнаи рақами 2-юми шаҳри Бухоро Парвиз Тӯхсанов бори аввал дар мамлакат (ҳатто дар Осиё) аз 1600 хол имконияти тести академии байналхалқӣ САТ 1600 хол ба даст даровarда ба натиҷаи баландтарин ноил гардида буд.

Имрӯз дар вилоят ба туфайли комёбиҳои арзандаи Далер Раҳимов, Диёрбек Раҷабов, Абубакр Атоев, Ҷаҳонгир Бафоев, Моҳинур Ҳошимова барин даҳҳо ҷавонони боистеъдод ҷараёнҳои хурсандибахши фатҳи қуллаҳои илму фарҳанг, варзишу эҷод идома меёбад.

**Ҷаҳонгир Бафоев** соли 1997 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфта ба воя расидааст. Вай роҳбари ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Bukhara books print» буда, корхонаи ӯ дар шаҳр ва вилояти Тошканд низ шуъбаҳо дорад. Вай бо савдои китоб машғул аст. Бояд таъкид намуд, ки солҳои 2023-2026 беш аз 120-то китоб дар ин ҷо таҳти роҳбарии Ҷаҳонгир тарҷума шудааст. Дар ин соҳо миқдори муаллифони китобҳои коргоҳ ба 162-то расида, соли ҷорӣ дар лоиҳаи «11 th Istanbul publishing fellowship schule» дар номинатсияи беҳтарин ношир сазовори ҷойи 3-юм шудааст.

**Диёрбек Раҷабов** соли 2004 дар ноҳияи Ғиждувон таваллуд ёфтааст. Ӯ донишҷӯйи курси чоруми ДДБ аст. Соли 2021 ба ҳайати командаи яккачини Ӯзбекистон қабул шуда, худи ҳамон сол дар озмуни математикаи KHISO соҳиби ҷойи аввал шуд.

Ғолиби озмуни байналхалқии кимё ва математика **Абубакр Атоев** – зодаи ноҳияи Ғиждувон (соли 1996), омӯзгори калони кафедраи муҳандисии электр ва энергетикаи Донишгоҳи давлатии техникии Бухоро. Соҳиби гувоҳномаҳои лоиҳаҳои зиёди ихтирои техникӣ. Соли 2025 барои ихтирояш соҳиби патенти Вазорати адлия гаштааст. Худи ҳамон сол дар озмуни ҷумҳуриявии Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия оиди муҳандисӣ – «Ғояи беҳтарин» сазовори ҷойи якум ва туҳфаи Президент – автомобили «BYD» шудааст.

*(Давомаш дар саҳ.4).*

*25-26 июни соли равон дар Хонаи эҷодии Паркент, ки дар деҳаи зебоманзари Заркенти ноҳияи Паркент ҷой гирифтааст, аз ҷониби Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Форуми III байналхалқии мутарҷимон баргузор гардид.*

# АДИБОНУ МУТАРҶИМОНИ ЧАҲОР ҶУМҲУРӢ ДАР ЗАРКЕНТ

Дар чорабинии адабӣ-маънавие, ки дар доираи татбиқи Фармони Президенти Ӯзбекистон «Дар бораи чораҳои иловагии идома додан ва ба давраи нави рушд баровардани ислоҳот дар доираи самтҳои устувори тараққиёти мамлакат то соли 2030» аз 16 феврали соли 2026 рӯйи кор омад, як қатор адибону мутарҷимон аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон иштирок намуданд.

Алъон бо саъйи адибону тарҷумонҳои кишварҳои ҳамҷавор эътибор ба тарғиби адабиёти ӯзбек пурзӯр шудааст. 16 нафар эҷодкорон аз Қазоқистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон узви фахрии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон гардидаанд. Даҳҳо нафар соҳибистеъдодҳои ҷавон ва адибони баркамол низ, ки дар Осиёи Марказӣ кору эҷод мекунанд, айни замон дар тарҷума ва тарғиби адабиёти классикиву замонавии ӯзбек ҳиссаи муносиб ҳамроҳ менамоянд.

Муовини аввали раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Минҳоҷиддин Мирзо, ҷонишини раиси Кумита оиди муносибатҳои байни миллатҳо ва масъалаҳои кор бо ҳамватанҳои хориҷӣ Бекзод Шукуров, сармуҳаррири маҷаллаи «Ҷаҳон адабиёти» Аҳмадҷон Мелибоев, Нависандаи мардумии Ӯзбекистон Муҳаммад Алӣ, Шоири халқии Ӯзбекистон Абдулло Шер, доктори илмҳои таърих Абдумаҷид Мадраҳимов, доктори фанҳои филологӣ Ҳаким Сатторӣ ва дигарон оиди вазъи адабиёти ӯзбек дар минтақа, дар вақтҳои охир мазмуну моҳияти тоза пайдо кардани дӯстии халқҳо–дӯстии адабиётҳо, дар боз ҳам пайвандтар сохтани адабиётҳо ва мустаҳкам гардондани риштаҳои дӯстӣ нақши муҳим бозидани ин гуна чорабиниҳо ҳарф заданд.

Дар доираи форум суҳбати даврӣ таҳти мавзӯи «Симои Амир Темур дар эҷоди адибони дунё», ҳамчунин дар мавзӯъҳои «Тарҷимаҳо аз адабиёти тоҷик ва ӯзбек, ҳамкории адибони ду мамлакат», «Рушди ҳамкориҳои адибони ӯзбек ва қазоқ» ва ғайраҳо ҷамъомадҳои шуъбавӣ баргузор гашт. Адибон-ноширон Ҷамшед ва Асадулло Шукурзода дар бораи маводҳои тарҷумавие, ки дар маҷаллаҳои «Шарқнома» ва «Дурдонаи Шарқ» ба нашр расидаву мерасанд, сухан ба миён оварданд. Баромадҳои Зокирҷон Муъминҷонов, Робия Дӯстмонова, Хосият Бекмирзоева оиди вазъи тарҷумаи бадеӣ, тарғиби адабиёти ӯзбек дар ҷамоҳири ҳамҷавор таваҷҷуҳангез буд. Алалхусус баромади Алишер Сабрӣ дар мавзӯи «Ҷиҳатҳои ба худ хоси тарҷумаи шеърҳо дар вазни арӯз» эътибори умумро бештар ба худ кашид.

Чанд нафар фидоиёни адабиёт аз хориҷ узви ифтихории Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон гардиданд. Ба иштирокдорони фаъол «Ташаккурнома»-и Иттиҳоди нависандагон супурда шуд. Дӯст ва бародари ҳамқаламӣ мо, муаллифи доимии «Овози тоҷик» Шоқаҳҳор Салимов низ дар вазъияти мутантан ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон пазируфта шуд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Дар нигористон*

# ЭҶОДЕ, КИ ДАР ХОТИРАҲО МОНД



***Дар толори фарҳанги байналхалқии ба номи Икуо Хираямаи Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон бахшида ба 90-солагии ҳайкалтарош Аҳмад Шоймуродов (1936-2020) намоишгоҳ таҳти мавзӯи «Эҷоде, ки дар хотираҳо боқӣ мондааст» баргузор гардид.***

Дар намоишгоҳ ва дар китобе, ки соли 2020 таҳти номи Аҳмад Шоймуродов нашр гардидааст, симоҳои барҷастае, ки офаридаҳои мавсуф мебошад, акси худро ёфтааст. Аз ҷумла Тумарис, Спитамен, Мирзо Улуғбек, Ал-Хоразмӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Алишер Навоӣ, Амир Темур, Абдураҳмон Ҷомӣ, ҳоким ва шоир Заҳириддин Муҳаммад Бобур, Садриддин Айнӣ, Йӯлдош Охунбобоев, инчунин бахшиён-шоирони машҳур Ислом Назар, Муҳаммад Шомурод, Фозил Йӯлдош ва дигар шахсиятҳои маъруф тасвир шудаанд.

Ҳайкалтарош дар ороиши истгоҳи «Алишер Навоӣ»-и метрои Тошканд низ иштирок кардааст.

Бояд ёдрас намуд, ки Арбоби хизматнишондодаи санъати Ӯзбекистон Аҳмад Шоймуродов соли 1936 дар шаҳри Самарқанд ба дунё омадааст. Ӯ дар омӯзишгоҳи санъати бадеии ба номи М. Калинин ва дар Донишкадаи давлатии санъати Маскав ба номи В. Суриков таҳсил кардааст.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

# ҶАВОНОНИ ФАЪОЛУ ТАШАББУСКОР – НЕРУИ ПЕШБАРАНДАИ МАМЛАКАТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Бо такя ба ин рақамҳо метавон гуфт, ки имкониятҳои барои ҷавонон фароҳамшуда натиҷаи хуб медиҳанд ва талаб ба онҳо низ пайваста меафзояд. Муҳимтар аз ҳама, имрӯз ҷавонон на танҳо аз ҷониби давлат дастгирӣ меёбанд, балки худ низ аз имкониятҳо фаъол истифода намуда, донишу иқтидори худро такмил медиҳанд.

**– Аз ҷониби Агентӣ бо мақсади таҳкими равобит бо падару модарон, маҳаллаҳо ва сохтори таълим, ҳамзамон, барои роҳнамоӣ ба касбу маърифат боз чӣ гуна лоиҳаҳо амалӣ мешаванд? Ин лоиҳаҳо чӣ микдор ҷавононро фаро гирифтаанд?**

– Бояд гуфт, ки кор бо ҷавонон танҳо вазифаи як идора ё ташкилот нест. Бинобар ин, мо ба масъалаи ташкили кори бонизому пайгирона бо оила, маҳалла, муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти давлатӣ диққати махсус медиҳем. Маҳз дар заминаи чунин корбарӣ, алҳол лоиҳаҳои мо дар самти таълим, роҳнамоӣ ба касб ва маърифат миллионҳо нафар ҷавононро фаро гирифтаанд. Натиҷаҳо дар самти маърифат низ шоёни таҳсинанд. Масалан, дар муҳлати начандон тӯлонӣ теъдоди аъзои клуби зеҳнии «Заковат» аз 300 ҳазор нафар афзуд.

Лоиҳаи «Академияи духтарон», ки бо мақсади дастгирии таҳсил ва рушди шахсии духтарон амалӣ мешавад, алҳол 968 ҳазору 850 нафар духтаронро фаро гирифтааст. Илова бар ин, барои 67 249 нафар ҷавонон хароҷоти гирифтани сертификатҳои байналмилалии забони хориҷӣ ҷуброн карда шудааст.

Бо як сухан, лоиҳаҳои агентӣ дар самти таълим, роҳнамоӣ ба касб ва маърифат дигар танҳо ба гурӯҳҳои алоҳида мутааллиқ нестанд. Онҳо ба низоме табдил ёфтаанд, ки миллионҳо нафарро фаро мегиранд. Муҳимтар аз ҳама, ин лоиҳаҳо барои азбарнамоии дониши нав, омӯзиши касбҳои замонавӣ, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ ва рушди иқтидори зеҳнии ҷавонон мусоидат менамоянд.

**– Ҳоло теъдоди зиёди ҷавонони мо дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон таҳсил мегиранд. Алҳол Агентии корҳои ҷавонон бо ин донишҷӯён, умуман гирем, бо ҷавонони муҳоҷир чӣ гуна робита дорад?**

– Таҳкими равобит бо ҷавононе, ки дар хориҷ таҳсил мекунанд ё дар арсаи байналмилалӣ фаъолият доранд, яке аз самтҳои асосии фаъолияти мо ба шумор меравад. Мо бо ин гурӯҳи ҷавонон мунтазам мулоқотҳои кушод гузаронида, мулоҳиза ва пешниҳодҳои онҳоро мешунавем.

Аз ҷумла, солҳои охир дар доираи конфронсҳои СММ, ҳамчунин зимни сафарҳо ба Иёлоти Муттаҳидаи Америко бо ҷавонони ӯзбекистонӣ, ки дар он ҷо таҳсил ва фаъолият мекунанд, вохӯриҳо баргузор гардиданд. Илова бар ин, бо ҷоизадорони стипендияи Бунёди «Эл-юрт умиди» низ муколамаи доимӣ роҳандозӣ шудааст. Муҳимтар аз ҳама, ба масъалаи бо ҷойи кори муносиб таъмин намудани ин гурӯҳи ҷавонон дар Ватан диққати махсус дода мешавад.

Ғайр аз ин, бо ҷавононе, ки барои фаъолияти меҳнатӣ ба хориҷ рафтаанд, корбарии сохторӣ роҳандозӣ шудааст. Сардорони ҷавонони маҳаллаҳо бо онҳо пайваста дар иртибот буда, дар ҳолати зарурӣ барои ҳалли мушкилоташон кумак мерасонанд. Барои бо ҷойи кори муносиб ва сердаромад таъмин намудани ҷавононе, ки ба Ватан бармегарданд, чораҳои зарурӣ меандешанд. Ин яке аз вазифаҳои муҳимтарини сардорони ҷавонон ба ҳисоб меравад ва корҳо дар ин самт пайгирона идома доранд.

> *Ҳамзамон, дар самти рушди соҳибкории ҷавонон натиҷаҳои шоёни таҳсин ба даст омадаанд. Алҳол шумораи соҳибкорони ҷавони мамлакат ба 142 454 нафар расидааст. Ғайр аз ин, тӯли чанд соли охир Ӯзбекистон дар экосистемаи ҷаҳонии стартапҳо низ мавкеи худро мустаҳкам кард. Соли 2023 кишвари мо дар мақоми 111-ум қарор дошт ва соли ҷорӣ ба ҷойи 79-ум баромада, аз рӯи суръати рушди стартапҳо ҳамчун «Кишвари сол» эътироф гардид.*

Дар маҷмӯъ, ба рушди кишвар равона намудани иқтидори ҷавононе, ки дар хориҷ таҳсил мекунанд ё таҷрибаи байналмилалӣ меандӯзанд, инчунин, дастгирии ҳамаҷонибаи ташаббус ва донишҳои муосири онҳо, аз ҳадафҳои асосии агентӣ мебошад.

**– Имрӯз масъала ва мушкилоти ҷавонони минтақаҳои дурдаст, аз ҷумла деҳаҳо дар чӣ ҳад ҳал мешаванд? Мақомоти давлатӣ ҷиҳати омӯхтани ниёз, мушкилот ва пешниҳодҳои ҷавонони деҳот чӣ гуна кор мебаранд ва чӣ хел роҳҳои ҳалро дармеёбанд?**

– Алҳол тамоюли асосии кор бо ҷавонон на арзёбии умумии мушкилоти онҳо, балки корбарии мақсаднок бо назардошти ниёзҳои ҳар як минтақа ва ҳар як ҷавон мебошад. Аз ин рӯ, масъалаҳои таъмини шуғли ҷавонони деҳот, таҳсил, касбомӯзӣ, соҳибкорӣ ва пурмазмун ташкил кардани вақти холии онҳо мавриди таваҷҷуҳи доимӣ қарор доранд.

Тавассути низомҳое, ки аз ҷониби давлат роҳандозӣ шудаанд, мушкилоту эҳтиёҷоти наврасонро омӯхта, роҳҳои ҳал андешида мешаванд. Аз ҷумла, соли 2021 тавассути сохтори «Дафтари ҷавонон» ба 584 ҳазор нафар ҷавон ба маблағи 380,5 миллиард сӯм кумак расонида шуда буд. Дар соли 2026 бошад, ба 1,5 миллион нафар ҷавон 2 триллион сӯм кумак расондем. Яъне, дар ин муддат фарогирӣ 2,6 баробар афзуд.

**– 30 июн – Рӯзи ҷавонон бо кадом натиҷаҳо дар хотир мемонад? Ин ҷашн то чӣ андоза дар сиёсати давлатии ҷавонон тағйироту дигаргуниҳои воқеиро ба вуҷуд овардааст?**

– Алҳол Рӯзи ҷавонон на танҳо як ҷашн, балки санаи муҳиме мебошад, ки дар он натиҷаҳои сиёсати давлатии ҷавонон ҷамъбаст ва дастовардҳо эътироф мешаванд. Имкониятҳои нави рушд муайян мегарданд.

Натиҷаҳое, ки солҳои охир ба даст омаданд, далели равшани ин гуфтаҳоянд. Бахусус, сатҳи фарогирии ҷавонон ба таҳсилоти олӣ **аз 9 ба 44 фоиз расид**. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз 77 ба 207 адад афзоиш ёфт. Шумораи медалҳое, ки ҷавонони мо дар олимпиадаҳои байналмилалии фаннӣ ба даст овардаанд, аз 4 ба 210 адад расидааст.

Сиёсати давлатии Ӯзбекистон оид ба ҷавонон дар арсаи байналмилалӣ низ баланд арзёбӣ мешавад. Кишвари мо аз рӯйи татбиқи намунавии «Стратегияи ҷавонон – 2030»-и СММ дар қатори 10 давлати пешсафи ҷаҳон қарор дорад.

Шаҳрҳои Бухоро, Тошканд ва Хива мақоми Пойтахти байналмилалии ҷавононро сазовор гардиданд, ки ин низ ифодаи равшани эътирофи дастовардҳои Ӯзбекистон дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон мебошад.

Мусоҳиб
**Фаридуни ФАРҲОДЗОД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**




## ҶАВОНТАРИНҲО...

Духтарчаи англис Белла Чей Дарк дар панҷсолагӣ «Гурбаи гумшуда» ном китоби худро навишта, дар дунё ҳамчун ҷавонтарин нависанда вориди «Китоби рекордҳои Гиннесс» гардидааст.

***

Шаҳрванди Русия Лида Калоева дар 19-солагӣ ҷавонтарин журналисти муваффақ эълон шуда буд.

***

Аврорио Мауритсио ҷавонтарин футболбози касбӣ дар ҷаҳон мебошад, ки 12 сол дошт.

***

Профессори аз ҳама ҷавонтарин дар ҷаҳон шаҳрванди амрикоӣ – Алия Сабур мебошад, ки айни ҳол 36 сол дорад. Ӯ 19 феврали соли 2008, дар 19-солагӣ унвони профессориро гирифта буд.

***

Майк Тайсон соли 1986 дар 20 солагӣ қаҳрамони ҷаҳон шуд ва унвони ҷавонтарин чемпиони ҷаҳон оид ба боксро ба даст овард.

***

Писарбачаи 6-солаи ҳинду Арҳам Талсания ҳамчун барномасози ҷавонтарин ба «Китоби рекордҳои Гиннесс» ворид гардидааст.

***

Алан Дершовитс ҷавонтарин профессори Донишгоҳи Ҳарварди ИМА дар риштаи илми ҳуқуқ ба шумор меравад, ки ин унвонро дар 28-солагӣ ба даст овардааст.

Таҳияи **Ф. ФАРАҲМАНД.**

# ИМКОНИЯТ, БОВАРӢ ВА МАСЪУЛИЯТ

***Имрӯз ҷавонон ба чӣ ниёз доранд? Онҳо чӣ мехоҳанд? Фикр мекунам, барои нишон додани иқтидору истеъдоди худ, ба онҳо пеш аз ҳама, имкониятҳои воқеӣ, донишҳои замонавӣ ва эътимоди мустаҳкам ба оянда лозим аст. Онҳо мехоҳанд, ки фикру мулоҳизаҳояшон шунида шаванд, ташаббусҳояшон дастгирӣ ёбанд ва дар қабули қарорҳое, ки бевосита ба тақдири насли ҷавон марбутанд, мустақимона иштирок намоянд.***



Парлумони ҷавонони назди Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис маҳз ифодаи амалии ҳамин талошҳо буда, чун неруи ягона орзуву умедҳои миллионҳо ҳамсолони моро ба сатҳи қонунофарӣ мебарорад.

Алҳол масъалаи ҷавонон ва таъминиояндаи дурахшони онҳо ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Дар ин самт Стратегияи «Ҷавонони Ӯзбекистони Нав – 2030» низ ҷиҳати баланд бардоштани самарадории ислоҳот дар самти таъмини шуғл, рушди соҳибкорӣ ва ташкили низоми босифати таълим имкониятҳои бузург фароҳам меорад. Бахусус, натиҷаҳое, ки дар самти таъмини иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳамзамон, дар равандҳои сиёсӣ ба даст омадаанд, дорои аҳамияти таърихӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки Парлумони ҷавонон дар баланд бардоштани мавқеи ҷавонон дар арсаи сиёсӣ ва таҳкими дониши онҳо дар соҳаи қонунгузорӣ вазифаи мактаби ба худ хосро иҷро мекунад. Имрӯз ин сохтор ба неруи воқеие табдил ёфтааст, ки фаъолнокии ҳуқуқии ҷавононро афзун намуда, онҳоро ба идоракунии сиёсӣ ва давлатӣ омода месозад. Фаъолияти аъзои Парлумони ҷавонон низ ба ҳаёти сиёсии кишвар рӯҳу неру ва суръати тоза мебахшад. Онҳо дар муҳокимаи лоиҳаҳои санадҳои қонунии марбут ба ҷавонон бевосита иштирок намуда, пешниҳодҳои ҳамсолони худро ба меъёрҳои қонунгузорӣ ворид мекунанд.

Фаъолияти парламентчиёни ҷавон танҳо бо пойтахт маҳдуд нагардида, балки дурдасттарин деҳаву маҳаллаҳоро низ фаро мегирад. Мо масъалаҳои нигаронкунандаи ҳамсолони худро, ки дар минтақаҳои дурдаст умр ба сар мебаранд, шунида, онҳоро ба мақомоти иҷроия ва минбари парлумон мерасонем.

Ин раванд ба ҳалли бонизоми бисёр мушкилот мусоидат мекунад. Ҳамзамон, корҳои тарғиботие, ки дар маҳалҳо гузаронида мешаванд, барои баланд бардоштани саводи ҳуқуқии ҷавонон ва ташаккули ҳисси масъулияту ҳамбастагӣ дар онҳо нисбат ба дигаргуниҳои таърихие, ки дар кишварамон ҷараён доранд, заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Боиси эътироф аст, ки ин талошҳо дар арсаи байналмилалӣ низ арзёбӣ мегарданд. Соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд баргузории Конфронси ҷаҳонии аъзои парламентҳои ҷавонон дар назар аст, ки инро метавон ҳамчун яке аз дастовардҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар Ӯзбекистон ва далели равшани болоравии нуфузи байналмилалии ҷавонони кишвар эътироф кард.

**Мастурахон НАБИХОНОВА,**
**ҷоизадори медали «Келажак бунёдкори», узви Парлумони ҷавонон.**

# «ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ» – МАМЛАКАТИ ҶАВОНОНИ БОИСТЕЪДОД

(Аввалаш дар саҳ.3).

**Азиза Ҳамидова** соли 2004 дар ноҳияи Шофиркон ба дунё омадааст. Донишҷӯйи курси чоруми Донишкадаи давлатии педагогии Бухорост. Ӯ устоди байналхалқии спорт оид ба шамшербозӣ мебошад. Дар қувваозмоиҳои ҷамоавӣ байни бонувони ҷавон барои Ҷоми ҷаҳон дар Баҳрайн борҳо соҳиби ҷойи сеюм шудааст. Соли 2025 бошад, дар Кувайт дар ҳайати ҷамоа сазовори ҷойи якум шуд.

**Моҳинур Ҳошимова** соли 2006 дар шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст. Донишҷӯйи курси дуюми Донишкадаи давлатии омӯзгории Бухоро. Вай ғолиби озмунҳои «Китобхони заковатманд», соҳиби ҷойи дуюми марҳилаи вилоятии озмуни «Студияи театри донишҷӯён», ғолиби марҳилаи вилоятии озмуни «Насли китобхон» ва соҳиби ҷойи сеюм дар озмуни ҷумҳуриявии «Китобхони ҷавон» аст.

Яке аз ҷавонони умедбахш ва боистеъдоди вилоят **Далер Раҳимов** (дар сурат) мебошад. Вай соли 2008 дар шаҳри Бухоро дар хонадони кормандони соҳаи тиб таваллуд ёфтааст. Падараш Раҳмон Назаров Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро ба номи Абӯалӣ ибни Синоро хатм кардааст. Ӯ ҳоло духтури клиникаи хусусӣ мебошад.

Модараш Зулфизар Азимова низ дастпарвари ҳамон даргоҳ аст.

Вақте мо дар арафаи Рӯзи ҷавонон бо масъулони Садорати вилоятии Агентии корҳои ҷавонон маслиҳат кардем, онҳо дар бораи Далер Раҳимов навиштанро муносиб диданд. Ба мо лозим омад, ки бо падару модар ва худи Далер суҳбат кунем. Албатта, мулоқоти мо бо эшон чун аксарияти бухороиён ба забони модариамон – тоҷикӣ сурат гирифт.

Маълум шуд, ки мактаби деҳаҳои Имом Қозихон ва Тошмасҷид – зодгоҳи бобоёну бибиёни Далер замоне тоҷикӣ буда, бобояш Раҳим Назаров он ҷо таҳсил гирифтааст. Ба Далер Раҳимов низ лозим омадааст, ки то ба шаҳр рафтан дар синфи якуми ҳамин мактаб якчанд моҳ сабақ омӯзад. То синфи даҳ Далер дар мактаби таҳсилоти умумии №35 шаҳри Бухоро таълим гирифтааст. Вай номҳои омӯзгорони азизаш дар ин мактаб: Зарина Наимова, Амин Саидов, Олия Хайриддинова ва дигаронро бо эҳтиром ба забон гирифт. Ду соли охир Далер таҳсилро дар мактаби ихтисосонидашудаи шаҳри Тошканд ба номи Абӯалӣ ибни Сино идома дод. Ӯ дар давраи таҳсил соҳиби комёбиҳои зиёд гардид.

– Соли 2022 дар марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни «Ал-Хоразмӣ» аз фанни кимиё соҳиби ҷойи аввал гардида, соли 2023 дар озмуни 57-уми байналмилалии «Менделеев»-и шаҳри Остонаи Қазоқистон аз фанни кимиё соҳиби ҷойи дуюм – медали нуқра шудам, – мегӯяд ӯ.

Дар марҳилаҳои II ва III интихоби номзадҳо ба дастаи яккачини низоми Агентии муассисаҳои таълими ихтисосонидашуда барои озмунҳои бонуфузи соли таҳсили 2023-2024 иштирок карда, соҳиби ҷойи аввал низ шудааст.

Ба муносибати ғолибӣ дар марҳилаи ҷамъбастии «Озмуни кушоди умумисибирии мактаббачагон» Раҳимов барои таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Новосибирск даъватнома гирифтааст.

Соли 2024 дар озмуни 58-уми байналхалқии кимиёи Менделеев дар шаҳри Шенҷени Чин соҳиби медали нуқра, соли 2024 дар озмуни байналхалқии 56-уми кимиё дар шаҳри Ар-Риёди Арабистони Саудӣ соҳиби медали тилло гаштааст.

Далер Раҳимов 24 декабри соли 2024 барои комёбиҳои пайдарпаяш дар озмунҳои байналхалқӣ, хусусан дар озмуни байналхалқии 56-уми кимиё бобати бардоштани обрӯю эътибор, шараф, шуҳрати Ватан, инчунин барои фаъолияти намунавиаш бобати афзун гардондани эътибори байналхалқии он мувофиқи қарори Шӯрои марказии Иттифоқи ҷавонони Ӯзбекистон бо нишони сарисинагии «Ӯзбекистон белгиси» тақдир ёфта бошад, барои комёбии бузурги дигар – медали тилло дар Дубай бо як миллиарду 40 миллион сӯм мукофоти пулӣ сарфароз гашт.




**– Далер ба ин комёбиҳо чӣ гуна муяссар гардидед?** – пурсидам аз ӯ.

– Пеш аз ҳама инро самараи ғамхориҳои падаронаи давлат, имконияту шароитҳои муносиби барои мо – ҷавонон фароҳамшуда меҳисобам. Албатта, роҳнамоию кумакҳои падару модарам, бобои меҳрубонам, устодони азизам Амин Саидов, Моҳира Болтаева ва дигарон, инчунин азму кӯшиш, ҳаракатҳои худам бенатиҷа намонд.

**– Тартиби истифодабарии вақт дар як шабонарӯз бароятон чӣ гуна аст?**

– Албатта, ин муҳим аст. Меҳнати ақлӣ тақозо дорад, ки камаш 7 соат хоб кунам. Пагоҳӣ соати шаш бедор шуда, каме бо варзиш ва сайр машғул мешавам. Баъди субҳона мактаб, машғулият таҳти роҳбарии омӯзгор. Баъзан тайёрии мустақилона аз 5 соат мегузарад Корҳои лабораторӣи мо одатан рӯзи якшанбе сурат мегирад.

**– Вақти истироҳат чӣ гуна мегузарад?**

– Сайр дар ҳавои кушодро дӯст медорам. Бо тенниси рӯйи миз, футбол машғул мешавам. Барои дидани телевизор қариб вақт намерасад. Мулоқот бо ҳамдарсон, саволу ҷавобҳоро мепазирам.

**– Дар куҷо ва дар кадом таълимгоҳи олӣ таҳсил гирифтан мехоҳед?**

– Дар Сингапур, дар Донишкадаи технологии Манан – соҳаи муҳандисии кимиё.

**– Ба ғайр аз забони модарию давлатӣ боз кадом забонҳои хориҷиро медонед?**

– Русию англисӣ. Ман ният дорам, ки баъди омӯхтани технологияҳои пешқадам ба Ӯзбекистон бармегардам. Чӣ хеле ки аҷдодони бузургамон Абурайҳон Берунӣ ва Абӯалӣ ибни Сино илмро бо қонуниятҳои худ ғанитар сохтаанд, ман низ дар ин росто хидмати арзанда кардан мехоҳам. Дар қатори аввалинҳо ба Ӯзбекистон овардани ҷоизаи Нобелро пеши худ мақсад гузоштаам.

Мо низ фарзанди баумеди Ватан, пайрави муносиби бузургон Далер Раҳимовро бо Рӯзи ҷавонон ва мукофоти давлатии «Мард ӯғлон» табрик намуда, ба вай саломатӣ, умри дароз ва баҳри ҷомаи амал пӯшидани орзуҳояш комёбиҳо таманно дорем.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 2045. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.